## Натиҷа

1. Фалсафаи атиқа дар Юнони қадим тақрибан дар асрҳои VII-VI п.а.м. ба вуҷуд меояд. Фалсафа аз асотир ба вуҷуд омада, муддати мадиде дар мазомини худ нишонаҳои онро ҳифз мекунад. Таърихи фалсафаи атиқаро ба чор давра ҷудо мекунанд: фалсафаи то Суқрот (VII-V п.а.м.), фалсафаи классикӣ (нимаи авали асри V – охири асри IV п.а.м.), фалсафаи эленистӣ (охири асри IV- II п.а.м.) ва давраи фалсафаи римӣ (асри I п.а.м.- асри V милодӣ).
2. Ба фалсафаи атиқа кайҳонмарказӣ хос аст. Аксарияти файласуфони ин давр асоси ҳамаи мавҷудотро Кайҳон ҳисоб мекарданд, ки ба шакли ҷисми зиндаи инсони соҳибхирад сохта шудааст. Кайҳон абадӣ ва мутлақ буда, ба ғайр аз он чизи дигаре нест. Он ягона аст, соҳиби рӯҳ аст. Онро дидан, шунидан ва ламс кардан мумкин аст. Коинот комил аст.
3. Ба ин марҳалаи инкишофи фалсафаи ҷаҳонӣ шавқу рағбат ба масъалаи ҳастӣ хос аст. Бисёр файласуфони атиқа кӯшиши пайдо намудани ибдои ягона ва тақсимнашавандаи оламро карда буданд.
4. Дар фалсафаи атиқа бунёди диалектика ҳамчун таълимот оиди инкишоф, ки сарчашмааш иборат аст аз ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо, гузошта мешавад.
5. Дар фалсафаи ин давра хусусияти шаклҳои маърифат кушода гардиданд: дониши ҳақиқӣ танҳо ба ақле дастрас аст, ки ба қонунҳои мантиқ тобеъ мебошад. Эҳсос манбаи дониш ба ҳисоб намеравад.

**Саволҳо барои КМДУ:**

1. Софистика чигуна таълимот аст?
2. Таълимоти фалсафии Суқрот
3. Назарияи маърифати Афлотун.
4. Тафовут байни олами аҷсом ва олами идеяҳо дар таълимоти Афлотун.
5. Сабаби интиқоди таълимоти фалсафии Афлотун аз тарафи Арасту.